**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Набиева Меҳрангез Назаровна дар мавзӯи «Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Набиева Меҳрангез Назаровна ба таҳлилу таҳқиқи фаъолияти адабиётшиносии муҳаққиқ Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой, махсусан қисмати таърихи адабиёти тоҷик, бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кор, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки бори аввал рӯзгору осори Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой ва саҳми ӯ дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои ҷудогона ва паҳлуҳои мухталифи таърихи адабиёти тоҷик дар қолаби диссертатсия таҳқиқ шудааст.

Таҳқиқи рӯзгор ва осори адабиётшинос, нишон додани саҳми боризи ӯ дар омӯзиши муҳимтарин масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик ва таъсиси як мактаби бузурги илмҳои суханшиносӣ бо равиши хосса басо арзишнок ва судманд мебошад.

Диссертатсия дар асоси методи таҳлилӣ ва равиши таърихӣ-муқоисавӣ таълиф гардида, таҳқиқи ҳамаҷонибаи зиндагинома, фаъолияти илмӣ ва пажӯҳишии адабиётшинос Муҳаммадҷони Шакурии Бухороиро дар соҳаи таърихи адабиёти тоҷик фаро мегирад. Диссертант зимни омӯзишу таҳқиқ тавонистааст, ки арзиш ва ҷойгоҳи адабиётшиносро дар илмҳои адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ муайян намояд.

**Навгониҳои диссертатсия,** пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки пажӯҳиши мазкур доир ба рӯзгор ва паҳлуҳои гуногуни фаъолияти муҳаққиқии Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой бори аввал рӯйи кор меояд ва

меоянд ва имкон фароҳам меорад, ки дастовардҳои илмии адабиётшинос дар соҳаи илму фарҳанги давраи нави тоҷик, вижагиҳои мактаби адабиётшиносии ӯ басо муфассал ва эътимодбахш муайян карда шавад.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ** осори адабиётшинос Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, таълифоти дигар муҳаққиқону адабиётшиносоне, ки оид ба зиндагинома ва осори ӯ бахшида шудаанд, чун манбаи боэътимод истифода гардидаанд.

Дар се боб ва фаслу зерфаслҳои диссертатсия исбот шудааст, ки пажӯҳиши вобаста ба таърихи адабиёти тоҷик анҷомдодаи адабиётшинос Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ дар адабиётшиносии садаи XX тоҷик ҷойгоҳ ва арзиши баланд дошта, дар рушди минбаъдаи риштаи адабиётшиносии филологии тоҷик низ саҳми муносиб дорад.

Хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот, аз ҷониби диссертант дар 7 мақола, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР ва КОА ҶТ (ду фишурда) инъикос шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври ҷомеъ натиҷаҳои таҳқиқи диссертант баён гардидаанд, ки асосноку мудаллал мебошанд. Феҳристи адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои умумии диссертатсия мебошанд.

Аҳаммияти таҳқиқ, тозагиҳои илмӣ ва арзиши амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Набиева Мехрангез Назаровна дар мавзӯи **«Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик»** таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ба дифоъ пешниҳод намудан мумкин аст.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

| | |
|---|---|
| **Салихов Шамсиддин Аслиддинович** | -доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ |
| **Аминов Азим Садыкович** | -номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон |

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда **Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон** пешниҳод мегардад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ А.Абдусатторов

**Аъзоёни комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Р.Раҳмонов

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ У.Сафаров